# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 027 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оид ба диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна “Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти маънавии ҷомеаи муосир - пайвастшавии Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, тағйири парадигмаи таҳсилот коркард ва татбиқи омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва истифодаи онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас аҳамияти махсус касб менамояд.

Муаммои барои таҳқиқ интихобкардаи Файзуллоева З.Б., дорои аҳамияти муҳими илмӣ буда, барои эҳъё гардидани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ саҳми муайяни худро дорад.

Муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёту рисолаҳои таҳқиқшуда ба хулосае меояд, ки дар шароити ҷумҳурии мо то кунун таҳқиқоти алоҳидаи муаммои мазкур мавҷуд нест. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки мавзуи барои пажуҳиш интихоб гардида, масъалаи басо муҳими илми педагогикаро дарбар мегирад ва таҳқиқи илмии он барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва роҳҳои истифодаи он дар таълиму тарбияи насли наврас бозёфтҳои тозаи илмиро дастрас менамояд, ки онҳо барои ғанӣ гардонидани назария ва амалияи илми педагогикаи муосир мусоидат мекунанд.

Унвонҷӯ оид ба мавзӯи интихобнамуда, маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос мундариҷа, вазифа, навигарӣ, аҳамияти амалию назариявӣ, муҳтавои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст.

Дар мукаддима талаботи мавҷуда нисбат ба бандубасти кисмати илмии рисолаҳои илмӣ риоя гардида, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда ба таври илмӣ асоснок карда шавад.

Аз тарафи унвонҷӯ, ба таври муфассал таҳқиқотҳои илмии файласуфон, педагогҳо, психологҳо ва методистон вобаста ба мавзуъ омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои умуминазариявӣ ва методологии ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ матраҳ гардидааст.

Дар диссертатсия дар баробари таҳлилу арзёбӣ карда шудани нуқтаи назари олимон, ҳамзамон камбудӣ ва муваффақиятҳои таҳқиқотҳои ба ин масъала бахшидашуда ҳаллу фасл гардида, барои пурзӯр намудани таҳқикотҳо дар ин самт тавсияҳои судманд пешниҳод карда шудааст.

Ба андешаи муаллиф, омӯзиши таърих, роҳу восита ва имконоти истифодаи беҳтарин ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар таҷрибаи таълиму тарбияи имрӯзаи дунявӣ беш аз пеш ба масъалаи мубрами илмӣ табдил ёфтааст ва ба он ҳамчунин педагогикаи муосири миллии халқҳои Осиёи Марказӣ ниёз дорад.

Муаллиф қайд менамояд. ки муаммои мазкур дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии истифодаи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ дар таълиму тарбияи насли наврас дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад.

Муаллиф дар асоси омузиш ва таҳлили адабиёту рисолаҳои таҳқиқшуда ба хулосае меояд, ки дар шароити ҷумҳурии мо таҳқиқоти алоҳидаи муаммои мазкур мавҷуд нест. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, хулоса кардан мумкин аст, ки мавзӯи таҳқиқшаванда хеле рӯзмарра ва муҳими илми педагогика мебошад ва коркарди илмии он барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда оиди омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишхои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва истифодаи он дар таълиму тарбияи насли наврас натиҷаҳои нави илмиро дастрас менамояд, ки он барои ғанӣ гардонидани назария ва амалияи илми педагогика мусоидат мекунад.

Навгониҳои илмие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти шахсан гузаронидашудаи муаллиф ба даст оварда шудаанд, боварибахш ва боэътимод буда, дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- донишҳои таърихию педагогӣ дар доираи арзишҳои миллӣ муайян карда шуда, ба низом даровардa шудааст;
- хусусиятҳои сарчашмаҳои таълимиву тарбиявии арзишҳои миллӣ, омилҳои пешқадами онҳо кушода дода шуда, таъсири мусбии онҳо ба тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии хонандагон муайян карда шудаанд;

- шароит ва методҳои истифодаи ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ чун ҷузъи арзишҳои умумибашарӣ дар таълиму тарбияи насли наврас коркард шудаанд;
- мақом ва нақши арзишҳои миллӣ дар раванди тарбияи худшиносии миллӣ ва рушди маънавиёти насли наврас муайян ва асоснок карда шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки он барои афзун намудани донишҳои назариявӣ оид ба арзишҳои миллӣ хизмат менамояд. Назари таърихию педагогӣ ба масъалаи баррасишаванда имкон медиҳад, ки дар бораи мақоми арзишҳои миллӣ дар раванди бардавоми барқарор будани урфу одатҳои мусулмонӣ дар Осиёи Марказӣ хулосаи зарурӣ барорем ва аз дидгоҳи дунявият роҳҳои ҳамгиройии онҳоро дар замони муосир ҷустуҷӯ намоем.

Ҷиҳати хуби таваҷҷӯҳкунандаи таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф тавонистааст маҷмуи имконоти педагогиро мутобиқ ба самаранок амалӣ гардидани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ коркард намояд.Таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври саҳеҳ ва амиқ дар рисола ба шакли ҷадвал ва диаграмма инъикос шудаанд.

Бо баробари муваффақиятҳои таҳқиқот дар рисолаи мазкур, ба назари мо, инчунин камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Оид ба баланд бардоштани роҳ ва усулҳои истифодаи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ дар муассисаҳои иловагӣ тавсияҳои методӣ коркард карда мешуданд.
2. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатогиҳои имловӣ ва грамматикӣ мушоҳида карда мешаванд.

Умуман, камбудиҳои дар боло зикршуда шакли тавсиявӣ дошта, ба мундариҷа ва моҳияти баланди илмии рисола таъсири манфӣ намерасонад.

Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф ба дарк ва фаҳмиши муаммои ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ мусоидат намуда, барои самаранок ва бомуваффақият амалӣ гаштани ин раванд ва муайян намудани усулҳо ва дигар паҳлӯҳои падидаи мазкур мусоидат менамоянд.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 13.00.01. - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ),

ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми декабри соли 2017, таҳти №78 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое,ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нукоти илмӣ, методҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррронӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Дар рафти таҳлили диссертатсия ошкор карда шуд, ки фарзияи он пурра тасдиқи худро ёфтааст ва дар натиҷаи гузаронидани корҳои зиёди таҳқиқотӣ унвонҷӯ Файзуллоева З.Б. оид ба омӯзиш ва истифодаи ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ дар таълиму тарбияи насли наврас ба дастовардҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намуда, ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо мазмун ва мӯҳтавои рисолаи илмиро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия ифода ёфтаанд, фарзияи таҳқиқро тасдиқ менамоянд ва ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқот таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, мутобиқ ба ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Комиссияи ташхисӣ дар асоси Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна “Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА -027-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур, шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

**- Файзализода Ҷумахон Хол** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**-Наврӯзова Гулшан Турсуновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхисӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Азизов А.А.**

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои педагогӣ,дотсент
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Азимова Н.С.**

номзади илмҳои педагогӣ,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Ишматова Ш.А.**

14 майи соли 2021.